Ба Шурои диссертатсионии
6D.KOA-053 назди
МДТ “Донишгоҳи давлатии
тиббии Тоҷикистон ба номи
Абуали ибни Сино”

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Қурбонов Назаралӣ Талабович дар мавзуи: “Такмили тадбирҳо оид ба пешгирии бемориҳои зуҳравӣ дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.03 – Сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ**

Мавзӯи баҳсу баррасӣ дар атрофи муаммоҳои робитаи ҷинсӣ ва бемориҳои зуҳравӣ дорои решаҳои таърихӣ мебошад. Дар гузашта ҳаёти ҷинсӣ танҳо дар доираи никоҳи расмӣ ҷоиз шуморида мешуд ва ин меъёр то имрӯз аҳамияти худро нигоҳ доштааст. Ин масъала ҳамчун як ҷанбаи фардӣ ва хусусии рафтор боқӣ монда, ҳамроҳ бо маҳдудиятҳо ва меъёрҳои иҷтимоию фарҳангӣ, баҳсу баррасии ошкору озод дар бораи он душвор боқӣ мемонад.

Дар аксари кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳоди Шӯравӣ, масъалаҳои марбут ба робитаҳои ҷинсии инсон одатан озодона муҳокима намешуданд. Қонунгузории мавҷуда, таъсири ақидаҳои анъанавии динӣ ва меъёрҳои ахлоқии миллӣ маҳдудиятҳое эҷод мекарданд, ки озодии баёнро дар ин самт маҳдуд месохтанд. Дар низомҳои иҷтимоии маъмул дар Аврупо, ИМА ва Иттиҳоди Шӯравӣ, ки то даҳаи 80-уми асри гузашта мафҳумҳои дахлдори муносибатҳои ҷинсиро шакл дода буданд, аз шахсони болиғ интизом, шарму ҳаё, худдорӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ тақозо мешуд.

Аз ҷониби дигар, робитаи ҷинсӣ пеш аз ҳама як ғариза ва ниёзи табиии инсон буда, ҷузъи муҳими ҳаёти шахсии ӯро ташкил медиҳад. Ҳарими шахсӣ ва дахолатнопазирии он аз нуқтаи назари қонун ва ахлоқ ҳифз карда мешавад. Дар ҷомеаҳои суннатӣ, бахусус дар кишварҳои исломӣ, маҳдудиятҳои иҷтимоӣ ва маърифатӣ мавҷуданд, ки муҳокимаи озоду ошкорои ин масъалаҳоро мушкил месозанд.

Дар автореферати Қурбонов Назаралӣ Талабович, дар мавзуъи “Такмили тадбирҳо оид ба пешгирии бемориҳои зуҳравӣ дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ,” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.03 – Сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ пешниҳод шудааст, масъалаҳои такмили тадбирҳои пешгирии бемориҳои зуҳравӣ дар гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Хусусиятҳои эпидемиологии сироятҳои зуҳравӣ дар минтақаҳои ҷанубии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас карда шуданд. Баъзе ҷанбаҳои хоси эпидемиологии бемориҳои сироятии зуҳравӣ дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолии ин минтақа ошкор гардид. Муқаррар шуд, ки қисми асосии беморони гирифтор ба сироятҳои зуҳравӣ ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ мансубанд, аз ҷумла шахсони яккаву танҳо, афроди бе ҷойи зисти муайян, шахсони дар шароити душвори зиндагӣ қарор дошта ва муҳоҷирони меҳнатӣ. Таъсири сатҳи маълумот, синну сол ва шуғл ба сатҳи мубталошавӣ ба бемориҳои зуҳравӣ, аз ҷумла трихомониаз, хламидиоз, сӯзок ва оташак, махсусан дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, тасдиқ гардид.

Махсусиятҳои рафтори заноне, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, ҳангоми муроҷиат ба духтурони акушер-гинеколог ва табибони оилавӣ вобаста ба мақоми иҷтимоӣ ва сатҳи маълумоташон ба қайд гирифта шуданд. Муқаррар шуд, ки дар байни ҳолатҳои сабтшудаи мубталошавӣ ба сироятҳои зуҳравӣ бештар сироятҳои хламидиоз ва трихомониаз ба назар мерасанд, ки бо герпес ва папилломавирусҳо ҳамроҳ мебошанд.

**Хулоса**: диссертатсияи Қурбонов Назаралӣ Талабович дар мавзуи "Такмили тадбирҳо оид ба пешгирии бемориҳои зуҳравӣ дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ" аз рӯйи ихтисоси 14.02.03 – Сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ва анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз руи ихтисоси 14.02.03 – Сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ мебошад

**Директори**
**МД "Маркази саломатии**
**шаҳрии №5" ш.Душанбе**
**н.и.т., Ғанизода М.Х.**

Н. кадр: Тасдиқ мекунам. Толибова З.

**Маълумот барои тамос:**
*Муассисаи давлатии "Маркази саломатии шаҳрии №5". Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кучаи А.Дониш 12. Телефон барои тамос: (+992) 226 04 16; Факс: : (+992) 226 31 25; E-mail: munira.ganieva.77@mail.ru*